**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Забон муҳимтарин ва асоситарин воситаи алоқаи инсоният ба ҳисоб меравад. Ягона василае, ки моро аз гузашти таъриху таммадун ошно месозад ин забон буда, бидуни он ҳастии ҳаётро дарк намудан имконнопазир мебошад.

Таҳқиқоти Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои пурра гардидани қолабҳои маъмули калимасозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кӯмак расонида метавонад.

Пажӯҳиши роҳҳои калимасозии сафию наҳвӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносиии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба шумор рафта, ба таҳқиқи пурра ниёз дорад, зеро ин масъала дар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври мукаммал шарҳи худро наёфтааст.

Диссертатсияи Ҳамроев О.А. аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Боби якум ба масъалаҳои назариявӣ бахшида шудааст. Дар фасли якум шарҳи калимаю калимасозӣ, дар фасли дуввум накш калимасозӣ дар таркиби луғавӣ ва дар фасли сеюм бошад андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил шудаанд. Масъалаҳои дар боби мазкур ҷой дошта, мушаххас таҳқиқ шудаанд.

Муҳаққиқ моро бо усулҳои вандафзоӣ ва ихтисора дар боби дуюми диссертатсия, ки «Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дорад, ошно месозад. Ба андешаи муҳаққиқ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ усулҳои калимасозии вандафзоӣ (аффиксатсия) ва ихтисора ба роҳҳои калимасозии сарфӣ дохил карда мешаванд. Илова бар ин, муаллиф дар боби мазкур вижагиҳои роҳҳои калимасозии мазкурро муфассал шарҳу эзоҳ додааст.

Дар боби сеюм, ки таҳти унвони «Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, дар он роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Муаллиф дар фаслҳои ин боб роҳҳои мазкури калимасозиро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Муҳаққиқ дар қисмати хулосаи рисолаи илмӣ андешаҳои худро бо натиҷаҳои мушаххас ҷамъбаст кардааст.

Диссертант оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст, ки натиҷаҳои асосӣ ва муҳимтарини таҳқиқотро дар худ таҷассум менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи диссертатсия аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

1. Агар муаллиф баъзе аз мисолҳои овардашударо ҳамчун замима ба диссертатсия илова менамуд, хеле хуб мешуд.
2. Дар муқаддимаи автореферат хатогиҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерсад.

Чунин норасоиҳо қиммати илмии авторефератро кам намекунанд.

Автореферати диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Забони автореферати мазкур равон ва илмӣ буда, натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи муҳаққиқро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, аз баррасии автореферат натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» — Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловна

Имзои М.Р. Назарова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» — Ҳамидова Зарина

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикстон, ш. Душанбе, х. Борбад, 73а